# ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ “ЭСХАТА СУҒУРТА”

**Ҳисоботи молиявӣ**
барои соли ҳисоботии 2020 ва

**ҳисоботи аудитори мустақил**

## ҲИСОБОТ ОИД БА УҲДАДОРИИ РОҲБАРИЯТ ДАР ТАЙЁР НАМУДАН ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТҲОИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛИ ҲИСОБОТИИ 2020

Роҳбарияти ЧДММ ТС "Эсхата Суғурта" (минбаъд –Ташкилот) барои тайёр намудан ва тасдиқи ҳисоботҳои молиявии ташкилот уҳдадор мебошад, ки воқеан ҳолати молиявии ташкилот, натиҷаи фаъолият, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағйирёбии сармояи худии онро ба санаи 31 декабри 2020 дар мувофиқати бо Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) инъикос менамояд.

Барои тайёр намудани ҳисоботи молиявӣ, роҳбарияти Ташкилот уҳдадор аст, ки:

- Сиёсати дурусти ҳисобдориро интихоб намуда дар фаъолияти худ истифода барад;
- Ахбороти мувофиқ, боэътимод, қиёспазир ва фаҳмо оид ба сиёсати ҳисобдорӣ пешниҳод намояд;
- Маълумоти иловагӣ пешниҳод намояд, агар ягон номувофиқатӣ ба тарзи ҳисобдорӣ дар асоси СБҲМ вуҷуд дошта бошад ва он ба ҳолат ва фаъолияти молиявии Ташкилот таъсир расонад;
- Ба фаъолияти Ташкилот оид ба қобилияти дар оянда амал карданаш баҳогузорӣ намояд.

Роҳбарият инчунин уҳдадор аст, ки:

- Низоми самаранок ва боэътимоди назорати дохилии Ташкилотро кор карда баромада дар ташкилот ба роҳ монад;
- Ҳуҷҷатҳои муҳосибиро дуруст нигоҳдорӣ намояд ва маълумотҳои ин ҳуҷҷатҳои амалиёти Ташкилотро бо асъори мувофиқ ҳамавақт пурра нишон диҳанд ва инчунин дорои маълумоти кофӣ оид ба мувофиқатии амалиётҳои ҳисобдорӣ ба СБҲМ бошанд;
- То андозае, ки барои онҳо муяссар мегардад моликияти Ташкилотро ҳимоя намоянд; ва
- Ҳамагуна қаллобӣ ва амалҳои зидди қонунро ошкор ва бартараф намоянд.

Ҳисоботи молиявии Ташкилот барои соле, ки 31 декабри 2020 анҷом меёбад, аз ҷониби роҳбарияти он санаи 15 майи 2020 тасдиқ гардидааст.

**Аз ҷониби роҳбарият:**

| | |
|---|---|
| **Носиров А.А.** | **Латипова М.С.** |
| **И.в. Директор** | **Сармуҳосиб** |
| 16 август с.2021 | 16 август с.2021 |

Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, ҶДММ "Ташкилоти суғуртавии Эсхата Суғурта" РЯМ 5110000546

MOORE

LLC Moore Stephens

Address: 24 A, Ayni str, 301
Dushanbe, Tajikistan

T [44] 601 52 52
[44] 601 53 53

www.moore.tj
info@moore.tj

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

### Ба муассисони ҶДММ ТС “Эсхата Суғурта”

### *Ақида*

Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи ҶДММ ТС “Эсхата Суғурта” (минбаъд "Ташкилот"), ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2020, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст, гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом расада ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳхо ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Ба ақидаи мо ҳисоботи молиявии мазкур аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии Ташкилотро ба санаи 31-уми декабри соли 2020, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулиро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад, дар мутобиқат бо Стандартҳои ҳисоботи Молиявии Байналмиллалӣ (СҲМБ) дуруст инъикос менамояд.

### *Асос барои ифодаи ақида*

Мо аудитро мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Аудит (минбаъд «СБА») гузаронидем. Уҳдадориҳои мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисмати “Масъулияти Аудиторон” оварда шудаанд. Мувофиқи Кодекси Этикии Ҳисобдорони Касбӣ ки аз ҷониби Шӯрои стандартҳои байналмиллалии этикӣ барои ҳисобдорон таҳия шудааст, мо ягон алоқаманди ба Ташкилот надорем ва ҳамчунин аз ҷониби мо қоидаҳои дигари этикӣ мувофиқи стандартҳои дар боло овардашуда риоя гардидаанд. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст овардашуда, ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд.

### *Масъулияти роҳбарият барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ*

Роҳбарияти Ташкилот барои тайёр намудан ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии мазкур дар мувофиқа бо Стандартҳои Байналхалқии Ҳисоботи Молиявӣ масъулиятро ба душ дорад. Масъулияти мазкур иборат аст аз: коркардабарой, ҷорӣ сохтан ва дастгирӣ намудани низоми назорати дохилӣ, бо мақсади таъмини шароити мусоид бахри дуруст тайёр ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ, ки холӣ аз хатогиҳои назарраси дар натиҷаи аз рӯи виҷдон кор накардан ва ё хатогиҳои тасодуфи рухдода ба амал омадаанд, интихоб ва ҷорӣ намудани сиёсати ҳисобдории муносиб, инчунин истифода бурдани баҳодиҳии муҳосибии асоснок мувофиқ ба мавридҳои мавҷуда.

### *Масъулияти аудиторон барои аудити ҳисоботи молиявӣ*

Максади мо ба даст овардани боварии кофӣ, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои хатогӣ ё амалҳои мусолиҳакорона надорад ва дар тартиб додани хулосаи аудиторӣ, ки изҳори ақидаи моро дар бар мегирад. Боварии кофӣ ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳама вақт дарёфт намудани хатогиҳои назаррас, ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА

MOORE

гузаронидашуда, кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад натиҷаи хатогӣ ё амалиётҳои мусолиҳакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб меравад, агар бо асос тахмин карда шавад, ки дар алоҳидагӣ ё дар маҷмуъ онҳо ба қарорҳои иктисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молиявӣ қабул кардашаванда таъсир расонанд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо мулоҳизаҳои касбиро қабул менамоем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тамоми мӯҳлати санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо амалҳои зеринро иҷро менамоем:

- хатарҳои таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молиявиро дар натиҷаи амалҳои мусолихакорона ва ё хатогиҳо ошкор ва баҳогузорӣ менамоем;
- далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи амали мусолихакорона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои мусолихакорона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиёти аудиторӣ, ки ба вазъият мутобиқат менамояд, вале на ба мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Ташкилот, ба даст меорем;
- хусусияти дахлдори сиёсати баҳисобгирӣ ва асоснокии баҳогузории муҳосиботӣ ва ошкорнамоии дахлдори маълумоти аз тарафи Роҳбарият омодашударо баҳогузорӣ менамоем;
- дар бораи системаи назорати дохилии марбут ба аудит бо мақсади таҳияи қоидаҳои аудити дар шароитҳо мувофиқ, вале на бо мақсади изҳори фикру мулоҳиза дар бораи самаранокии низоми назорати дохилии аудитор;
- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии ҷиддӣ вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи ҷиддӣ дар қобилияти Ташкилот оид ба давом додани фаъолияти бефосила ба вуҷуд ояд, вуҷуд дорад ё не, хулоса мебарорем. Агар мо вобаста ба мавҷуд будани номуайянии ҷиддӣ ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале ҳодисаҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Ташкилот қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи худро гум намояд;
- ба пешниҳодкунии ҳисоботи муҳосиби умуман, таркиб ва мазмуни он, бо назардошти эзоҳи ахборотҳо, инчунин амалиётҳо ва воқеаҳое, ки асоси ҳисоботи солонаи муҳосибӣ ва таъмини боэътимодии онро нишон медиҳанд, баҳо мегузорем.

Мо ҳамкории мутақобилаи маълумотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати аудити банақшагирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои ҷиддӣ оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла камбудиҳои ҷиддии низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Мо инчунин ба Роҳбарият, аризаро дар хусуси он, ки мо ҳамаи талаботҳои ахлоқии мувофиқро дар робита бо мустақилият риоя намудем ва ин шахсонро оиди ҳамаи муносибатҳо ва дигар суолҳое, ки мумкин аст ҳамчун расонидани таъсироти асоснок ба мустақилияти аудитор баҳисоб мераванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ - оиди чораҳои мувофиқбудаи эҳтиётӣ огоҳ намудем.

Саидов С.М., Директор

**ҶДММ «Моор Стивенс»**
Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон
№2/Ф2 аз 06/07/с.2020

**16 августи 2021**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА ВА ЗАРАР
## ДАР САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2020

*(бо ҳаз. сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2020 | 2019 |
|---|---|---|---|
| Даромад аз ҳаққи суғуртавӣ | 4 | 3 012 | 2 451 |
| Пардохтҳои ҳаққи азнавсуғуртавӣ | 4 | (2 684) | (1 788) |
| **ҲАМАГӢ ДАРОМАД** | | 328 | 664 |
| Таъғирёбии захираи аз ҳаққи суғуртавӣ ба дастнаомада | 5 | -4 | -138 |
| Таъғирёбии захираҳои зарар | 6 | 0 | 7 |
| Хароҷот аз руи амалиётҳои суғуртавӣ | 7 | 69 | 57 |
| **ҲАМАГӢ** | | **-65** | **-202** |
| **Натиҷаи амалиёти суғуртавӣ** | 8 | **263** | **461** |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | 9 | 0 | 6 |
| **ҲАМАГӢ ДАРОМАДҲОИ АМАЛИЁТӢ** | | **263** | **468** |
| Хароҷотҳои идоравӣ | 10 | 333 | 394 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 11 | 0 | 2 |
| **ҲАМАГӢ ХАРОҶОТҲОИ АМАЛИЁТӢ** | | **333** | **397** |
| Даромадҳо аз руи сармоягузорӣ | 12 | 2 127 | 96 |
| Хароҷотҳои ғайри амалиётӣ | 13 | 77 | 0 |
| **ҲАМАГӢ ХАРОҶОТҲОИ ҒАЙРИ АМАЛИЁТӢ** | | **2 050** | **96** |
| Фоида ва зарар | 22 | 1 980 | 167 |
| Андоз аз фоида | 14 | 455 | 39 |
| Фоидаи соф | | **1 525** | **129** |

**Аз ҷониби роҳбарият:**

**Носиров А.А.**
**И.в. Директор**

**Латипова М.С.**
**Сармуҳосиб**

Шарҳои дар саҳифаҳои 10 то 19 овардашуда қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд.

ЧДММ ТС «ЭСХАТА СУҒУРТА»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020

*(бо ҳаз. сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2020 | 2019 |
|---|---|---|---|
| **Активҳо** | | | |
| **Активҳои ҷорӣ** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 15 | 1 657 | 432 |
| Қарздори дебитори кутоҳмуддат | 16 | 213 | 238 |
| Ҳаққи азнавсуғуртакунӣ дар захираҳои ҳаққи суғуртаи азхуднашуда | 17 | 1 648 | 925 |
| Ҳаққи азнавсуғуртакунӣ дар захираҳои зарар | 17 | 2 | 2 |
| **Ҳамагӣ активҳои ҷорӣ** | | **3 520** | **1 598** |
| **Активҳои дарозмуддат** | | | |
| Воситаҳои асосӣ | 18 | 8 | 10 |
| **Ҳамагӣ воситаҳои асосӣ** | | **8** | **10** |
| **Сармоягузориҳои дарозмудат** | | | |
| Саҳмияҳои дигар ташкилотҳо | 19 | 158 | 5 |
| Амонатҳои муҳлатнок | 19 | 1 600 | 1 348 |
| **Ҳамагӣ сармоягузориҳо** | | **1 758** | **1 353** |
| **Ҷамъ активҳо** | | **5 286** | **2 961** |
| **Уҳдадорӣ ва сармоя** | | | |
| **Уҳдадории ҷорӣ** | | | |
| Қарздори кредиторӣ аз руи амалиётҳои суғуртакунӣ ва азнавсуғуртакунӣ | 20 | 750 | 267 |
| Захираҳои суғуртавӣ | 21 | 2 415 | 1 696 |
| **Ҳамагӣ уҳдадории ҷорӣ** | | **3 165** | **1 962** |
| **Сармояи худди** | | | |
| Сармояи оиномавӣ | 22 | 500 | 500 |
| Сармояи иловагӣ | 22 | 1 | 1 |
| Фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта | 22 | 95 | 369 |
| Фоидаи тақсимнашудаи соли ҳисоботӣ | 22 | 1 525 | 129 |
| **Ҳамагӣ сармояи худдӣ** | | **2 121** | **999** |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо ва сармоя** | | **5 286** | **2 961** |

**Аз ҷониби роҳбарият:**

**Носиров А.А.**
**И.в. Директор**

**Латипова М.С.**
**Сармуҳосиб**

Шарҳои дар саҳифаҳои 10 то 19 овардашуда қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд.

ҶДММ ТС «ЭСХАТА СУҒУРТА»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
## БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020

*(бо ҳаз. сомонӣ)*

| | | |
|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АСОСӢ:** | **с.2020** | **с.2019** |
| Даромад аз ҳаққи суғурта | 3 012 | 2 284 |
| Дигар дохилшавихои воситаҳои пулӣ | | 870 |
| **ХАМАГИ ДОХИЛШАВИИ ВОСИТАХОИ ПУЛӢ** | **3 012** | **3 154** |
| Ҷуброни сугуртавӣ | 69 | 7 |
| Пардохти уҳдадориҳои азнавсугуртакунӣ | 2 527 | 1 722 |
| Музди меҳнат | 129 | 122 |
| Андозҳои иҷтимоӣ | 37 | 29 |
| Пардохти хароҷотҳои амалиётӣ | 239 | 87 |
| Пардохти андозҳо | 464 | 208 |
| Дигар пардохтҳо | 2 580 | 47 |
| **ҲАМАГИ ХОРИҶШАВИИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ АМАЛИЁТҲОИ АСОСӢ** | **6 045** | **2 222** |
| **ФАРҚИЯТ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТӢ АСОСӢ** | **-3 034** | **933** |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ:** | | |
| Фоизҳои ӷирифташуда | 110 | |
| Даромад аз фарқияти қурби осъор | 113 | |
| Даромад азнавбаҳодиҳии қурби осъори хориҷи | 4 036 | |
| Зарар аз фарқияти қурби асъор | -2 | |
| Зарар аз хариди осъори хориҷи | 0 | |
| Дигар дохилшавиҳои воситаҳои пулӣ | | 96 |
| Дигар саҳмгузориҳо | | -200 |
| **ФАРҚИЯТ АЗ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | **4 258** | **-104** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | |
| Пардохти суди саҳмия | | -500 |
| **Фарқият аз кам ва зиёди воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ:** | | -500 |
| **КАМ ВА ЗИЁДШАВИИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ** | **1 225** | **329** |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ЭКВИВАЛЕНТҲОИ ОН,** дар аввали сол | **432** | **103** |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ЭКВИВАЛЕНТҲОИ ОН,** дар охири сол | **1 657** | **432** |

**Аз ҷониби роҳбарият:**

**Носиров А.А.**
**И.в. Директор**

**Латипова М.С.**
**Сармухосиб**

Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, ҶДММ ташкилоти суғуртавии «Эсхата Суғурта» РЯМ 5110000546

Шарҳои дар саҳифаҳои 10 то 19 овардашуда қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд.

ЧДММ ТС «ЭСХАТА СУҒУРТА»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯ БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020

*(бо ҳаз.сомонӣ)*

| | Шарҳ. | Сармояи оиномавӣ | Фоидаи тақсимнашуда | Сармояи иловагӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия дар 1 январи с.2020** | | 500 | **497** | **1** | **999** |
| Фоида ва зарар соли ҳисоботӣ | 22 | - | 1 525 | - | **1 525** |
| Фоида ва зарар соли гузашта | 22 | - | -369 | - | **-369** |
| Суди саҳмияҳо | | - | -34 | - | **-34** |
| **Бақия дар 31 декабри с.2020** | | **500** | **1 620** | **1** | **2 121** |

**Аз ҷониби роҳбарият:**

**Носиров А.А.**
**И.в. Директор**

**Латипова М.С.**
**Сармуҳосиб**

Шарҳои дар саҳифаҳои 10 то 19 овардашуда қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявӣ мебошанд.